# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи “Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

*аз “21” 05 соли 2026* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳикматов У.С. - раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. - аъзои комиссия; номзади илмҳои иқтисодӣ – Убайдуллоев Ф.К. аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Чиллаев Сулаймон Нажмудинович хулосаи зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Чиллаев Сулаймон Нажмудинович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”), мувофиқат мекунад.

Чиллаев Сулаймон Нажмудинович 11-уми декабри соли 1975 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2003 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқро аз рӯйи ихтисоси “Иқтисодчӣ” хатм намудааст.

Чиллаев Сулаймон Нажмудинович соли 15.12.2023 таҳти №92/И-у унвонҷӯи кафедраи “молия”-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон гардида, имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият супоридааст.

Фаъолияти меҳнатиашро солҳои 2000 - 2016 дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои аз мутахассиси дараҷаи 1 то муовини Директори Агентии рушди бозори коғазҳои қиматнок ва бақайдгирии махсусгардонидашудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондааст.

Солҳои 2021-2022 дар вазифаи сардори Раёсати истифодабарии оби нушокии деҳоти вилояти Суғд фаъолият намудааст.

Солҳои 2024-2025 ба ҳайси асситетнти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз сентябри соли 2025 то имрӯз дар вазифаи муовини декан оид ба тарбияи факултети молия ва қарзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти суратҷалаи №10/5.2 аз 03-юми июни соли 2024 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Институти илмӣ-таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Умаров Хоҷамаҳмад Умарович таъин гардидааст.

Чиллаев Сулаймон Нажмудинович имтиҳони номзадӣ (минимум)-ро аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло) 26 сентябри соли 2025 дар Донишгоҳи мазкур супоридааст.

Диссертатсия аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар ҷаласаи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба таври ошкорро аз “05” – и декабри соли 2025, суратҷаласаи №5 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбӣ дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

***II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ***

Диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи “Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда бо бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисод саҳм хоҳанд гузошт.

***III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд***

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 9 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

## *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

## *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи "Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарзпешниҳод шудааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Султонов Зубайдулло Султонович –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзӣ Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

- Азизов Сафар Ахмедшоевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Ҳикматов У.С.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Шарифзода Б.М.

номзади илмҳои иқтисодӣ,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Убайдуллоев Ф.К.